«Тасдиқ мекунам»
ректори ДМТ, профессор
__________Хушвахтзода Қ. Х.
«__22__» ____06____2023с.

# Хулосаи
## кафедраи онтология ва назарияи маърифати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсияи Қосимов Қурбонали Абдусамадович дар мавзуи **"Муътазила ва фалсафаи ақлгароии он (таҳлили таърихӣ-фалсафӣ)"**, ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафӣ аз рӯйи ихтисоси 09.00.03- Таърихи фалсафа дар кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафа иҷро шудааст.

Диссертатант Қосимов Қурбонали Абдусамадович аз соли 2021 ҳамчун унвонҷӯи кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият намудааст. Номбурда аз соли 2021 то имрӯз дар вазифаи ассистенти кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият карда истодааст. Соли 2021 факултети таърихи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро аз рӯйи ихтисоси таърих ва ҳуқуқ хатм кардааст.

Мавзуи рисолаи номзадии Қосимов Қурбонали Абдусамадович дар ҷаласаи Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (протоколи №10/3.5, аз 28.04.2021) тасдиқ шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

Роҳбари илмии унвончӯ - доктори илмҳои фалсафа, профессор Назариев Рамазон Зибуҷинович мебошад.

Кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафа аз рӯйи муҳокимаи диссертатсияи Қосимов Қурбонали Абдусамадович дар мавзӯи “Муътазила ва фалсафаи ақлгароии он (таҳлили таърихӣ-фалсафӣ)” хулосаи зеринро қабул кард:

Диссертатсияи Қосимов Қ.А. кори илмии анҷомёфта буда, дорои арзишу аҳаммияти назарию амалӣ ва навгонии илмӣ мебошад. Он мустақилона иҷро гардида, дорои натиҷаҳои арзишманди илмӣ мебошад.

Дар рафти таҳқиқоти илмӣ ва таҳияи рисола, диссертант аз усулҳои
таҳқиқотии таърихӣ, фалсафӣ-муқоисавӣ, мантиқӣ-таҳлилӣ, герменевтикӣ, муназзамӣ-сохториро истифода намудааст, ки он имкон дод, ки таърихи фалсафаи муътазиларо ба таври васеътар баррасӣ ва таҳлил намояд.

Муаллифи диссертатсия дуруст қайд менамояд, ки таҷрибаи ақлгароии муътазилиён басо ибратбахш буда, ба шарофати онҳо рушди фарҳанги маънавии ҷомеа, муносибатҳои одамон дар шаклҳои гуногуни ҳамзистӣ ва мубориза̄и фикрӣ-ақлонии мазҳабҳои мухолифи дохилӣ, ки ба шуури иҷтимоӣ таъсири бузург гузошта буд, асоси бунёдӣ гузошта шуд. Муътазилиён яке аз аввалин ақлгароёни исломӣ буданд ва таваҷҷуҳи онҳо ба авлавияти ақл ва иродаи инсон, таъвили масъалаҳо барои дарки маъниҳои ботинӣ, тасаввуроти ақлонии онҳо дар бораи Худо ва садоқати онҳо ба озодии ирода ва масъулияти инсон, баъзан онҳоро на ҳамчун ақлгаро, балки ҳатто озодандешон дар доираи суннати исломӣ муаррифӣ намуд.

Дараҷаи омӯзиши мавзуъ низ, дар сатҳи зарурӣ коркард гардида, тариқи таҳқиқотҳои зиёди илмӣ, дастовардҳои муҳаққиқон нишон дода шуда, паҳлуҳои кашфношуда ва ниҳоят муҳимми он ошкор карда

шудааст. Ҳамзамон, робитаи мавзуи таҳқиқшуда бо самти ихтисос муайян карда шуда, моҳияти фалсафии ақл дар таълимоти муътазила ва асосҳои назариявӣ-методологии омӯзиши он таҳқиқ карда шудааст. Ҳадаф ва вазифаҳои диссертатсия мушахасс карда шуда, вазифаҳои гузошташуда аз ҷиҳати илмӣ асоснок гардида, хулосаҳои мантиқан дуруст пешниҳод карда шудаанд. Ҳамаи ин хулосаҳо имконият доданд, ки навгониҳои илмии диссертатсия бо объект ва предмети он мувофиқат карда, мақсади таҳқиқот муайян карда шавад.

Ҳадаф ва вазифаҳои асосии таҳқиқи диссертатсия таҳлили ҷанбаҳои ақлгароӣ ҳамчун ҷузъи таркибии сохтори фалсафии муътазила ба ҳисоб рафта, баррасии раванди ташаккулёбии тамоюлоти ақлгароӣ дар ақоиди мутафаккирони муътазила, таҳлили усулҳои муҳимтарини таълимоти муътазила дар доираи робитаи тарафайни бо дину фалсафа ва омӯзиши хусусиятҳои ақлонии фалсафаи муътазила дар асоси таҳлили назарияҳои метафизикӣ ва табиатшиносии он вазифаҳои асосӣ ба ҳисоб меравандд.

Диссертант дар раванди таҳқиқи илмӣ иштироки фаъол намудааст. Ҳамчунин, ҳангоми муайян намудани мақсадҳои асосӣ, таҳқиқотҳои назариявии бадастоварда ва роҳҳои ҳалли натиҷаю хулосавии он иштирокчӣ ва саҳмгузор мебошад. Мақолаҳои илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда оид ба мавзуи таҳқиқотӣ, аз ҷониби муаллифи диссертатсия ба чоп расонида шудаанд, ҷанбаъҳои муҳимтарини диссертатсияро инъикос менамоянд.

Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда чоп шудаанд:

1. Қосимов Қ.А. Сарчашмаҳои ғоявии фалсафаи ақлгароии муътазила // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳо Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. №4. - С. 175-181.

2. Қосимов Қ.А. Масъалаи инсон, ақл ва иродаи ӯ дар таълимоти

Муътазила // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. №4. - С. 150-154.

3. Қосимов Қ.А. Усулҳои бунёдии ақлгароии муътазила // Паёми филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе. – Душанбе, 2022. Т. 2, № 1(21). - С. 132-142.

Ҷанбаи назариявию амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки дар он кушиш карда шудааст, ки то дар асоси таҳлили маводҳои истифодашуда, масъалаи ақлгароии муътазила ба таври муназзам ва мушаххас бори нахуст мавриди таҳлил қарор гирифтаст. Диссертант дуруст зикр намудааст, ки бори нахуст:

- исбот карда шудааст, ки синтези ғояҳо, назарияҳо ва таълимоти динҳо ва мактабҳои фалсафию динии гуногун барои муътазила майдони муколамаҳо ва мубоҳисаҳоро ба вуҷуд оварда, дар онҳо усулҳо ва шаклҳои таҳқиқоти масъалаҳо мавриди омӯзиш қарор гирифта, барои пайдоиши фалсафаи исломӣ замина муҳайё кардаанд;

- исбот гардид, ки дар таълимоти мутафаккирони муътазила тамоюлоти ақлонии фалсафаи он хусусияти муайянкунандагӣ дорад;

- муқаррар ва тасдиқ гардид, ки барои консепти ақлгароии муътазила панҷ усул (*ал-усул ул-хамса*)-и муътазила ҳамчун асоси назариявии таҳқиқи мубоҳисавии ақл ва имон мақоми калидӣ дорад;

- нақши ақл ва маърифати ақлонии муътазила ҳангоми дарки масоили метафизикӣ ва табиатшиносӣ аз ҷониби пайравони он ба исбот расида, муқаррар гардид, ки дар онҳо мақоми ақл бар эътиқод болотар гузошта шудааст. Ба ин васила барои рушди донишҳои ақлонии инсон асос гузошта мешавад.

Пешниҳодҳои муаллифи диссертатсия Қосимов Қ. А. дар мавриди он, ки хулосаи аз ҷиҳати илмӣ асоснок шударо метавон ҳангоми анҷом додани корҳои илмӣ оид ба фалсафаи калом, фалсафаи асрҳои миёнаи тоҷик ва диншиносӣ ба таври васеъ истифода намуд, сазовори дастгирӣ мебошад. Дар баробари ин натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро

метавон ҳангоми навиштани китобҳои дарсӣ, монография, васоити таълимӣ ва курси лексияҳо аз фанҳои таърихи фалсафа ва диншиносӣ ба таври васеъ истифода намуд. Дар баробари ин тавсияву хулосаҳои пешниҳоднамудаи диссертантро ҳангоми тарғиби корҳои тарбиявӣ ва ташвиқотӣ дар масъалаҳои худшиносии миллӣ, доштани ҷаҳонбинии илмӣ, пешгирӣ аз ифротгароии динӣ ва экстремизм васеъ истифода намуд.

Саҳми шахсии диссертант дар он аст, ки ӯ тавонистааст, мавзуи муҳимеро барои ташаккули тафаккури илмии ҷомеаи имрузаро интихоб карда, мақсад ва вазифаҳоро муайян, объект ва предмети таҳқиқоти худро бо услуби дурусти илмӣ мушаххас намояд. Ҳамчунин, маводи зиёди илмиро таҳлилу муқоиса намуда, хулосаҳои арзишманди илмӣ пешниҳод намояд.

Номи мавзуъ, сохтор ва таркиби диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 09.00.03- Таърихи фалсафа мувофиқ буда, бо «Номгӯи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 декабри соли 2014, №765 тасдиқ шудааст, алоқамандии зич дорад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Қосимов Қурбоналӣ Абдусамадович дар мавзуи **"Муътазила ва фалсафаи ақлгароии он (таҳлили таърихӣ-фалсафӣ)"** аз рӯйи мазмуну мундариҷа бо ихтисоси 09.00.03- Таърихи фалсафа пурра мувофиқат намуда, аз рӯйи сохтори ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсия Қосимов Қурбонали Абдусамадович дар мавзуи **"Муътазила ва фалсафаи ақлгароии он (таҳлили таърихӣ-фалсафӣ)"** ба ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Хулосаи мазкур, дар маҷлиси васеи кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафаи ДМТ 17 июни соли 2023 қабул гардид.

Дар маҷлис 11 нафар иштирок карданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 11 нафар; зид нест, бетараф - нест. Суратҷаласаи №12 аз 17. 06. 2023.

**Мудири кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултет фалсафаи ДМТ, н.и.ф., дотсент** **Ҳаитов Ф.Қ.**

**Котиб, н.и.ф., муаллими калон** **Калонзода Ф.И.**

**Имзои Ҳаитов Ф.Қ**
**ва Калонзода Ф.И.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.**

19. 06. 2023